Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-062 назди Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон-Россия

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуи диссертатсияи унвонҷӯй Ятимов Амирхон Ҷурахонович ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз ҷумла бандҳои 2.1. Рушди нуқтаҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмили шаклҳо ва методҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар системаҳои иқтисодӣ, 2.6. Коркарди методҳо ва механизмҳои ҳамгироии илмии мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди методҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ, 2.15. Таҳқиқоти самтҳо ва воситаҳои рушди тарзи нави технологии системаҳои иқтисодӣ, 2.17. Инкишофи назария, методология ва методҳои маблағгузории венчурӣ барои навсозии илмӣ-техникӣ ва ташкилии системаҳои хоҷагидорӣ, 2.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва методҳои арзёбии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ, 2.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ба манфиатҳои рушди инноватсионӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ зикр гардидааст, ки «...марҳалаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо солҳои 2026-2030 мебошад». Дар ҳамин ҳол шарти зарурии рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ - ин беҳтар намудани иқтидори илмию техникии инноватсионӣ дар минтақаҳо мебошад. Татбиқи онҳо дар таҷрибаи хоҷагидории минтақа метавонад рушди иқтисод ва рақобатпазирии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолиро таъмин намояд.

Омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ, муайян намудани мавқеи минтақаҳо аз лиҳози иқтидори илмӣ-техникӣ, арзёбӣ ва рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олӣ, мавҷудияти мушкилотҳо ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар минтақаҳо аз ҷумла вилояти Хатлон ба сари вақти мебошад.

Вобаста ба ҳамин масъалаҳо, роҳҳои нави идоракунии иқтидори илмӣ-техникиро ҷорӣ намудан зарур аст, ки ба инкишофи инноватсионӣ дар вилояти Хатлон нигаронида шуда бошанд. Маҳз ҳамин масъалаҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи унвонҷӯй Ятимов Амирхон Ҷурахоновичро ташкил медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот ин дар асоси таҳлилу арзёбии ҳолати имрӯзаи иқтидори илмӣ-техникии минтақа муайян намудани роҳҳо ва механизмҳои ташаккулу такмили иқтидори мазкур мебошад. Натиҷаҳои назаррасе, ки унвонҷӯ Ятимов А.Ҷ. дар натиҷаи омӯзишу таҳлили дурударози масъалаи мазкур мустақиман ба даст овардааст ва навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсияро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд:

- асоснок карда шудааст, ки иқтидори илмӣ-техникии

инноватсионии минтақа - ин маҷмуи сохторҳои ташкилӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техники-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтироoту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори имлӣ-техникӣ омӯхта шуда, механизмҳои истифодабарии онҳо дар вилояти Хатлон муайян гардидаанд;

- вазъи муосир ва тамоюлоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи теъдоди муассиса ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон, кормандони илмӣ, нашрҳо, патент ва шаҳодатномаҳои нановарӣ, диссертатсияҳои ҳимояшудаи муассисаҳои илмӣ, рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ шуда, таъсиси чор муассисаҳои таҳсилоти олии дигар дар вилояти Хатлон тавсия карда шуданд;

- мушкилоти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии дар минтақа мавҷудбуда ошкор карда шудаанд, ки асосан ба таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддиву техникии илм, ташаккули нокифояи заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, норасоии кадрҳои илмӣ, набудани робитаи зарурии маориф, илм бо истеҳсолот, ҷалб нагардидани неруи соҳибкорӣ ба рушди иқтидори илмӣ-техникӣ ва нокифоягии маълумоти оморӣ дар минтақа алоқаманд аст;

- роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби иловагии грантҳо барои пажӯҳишҳои илмӣ, гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳияи стратегияи роҳандозии асосҳои моддию техникӣ барои ин корҳо барои солҳои 2022-2030, пурзӯр намудани назорат аз

болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули иттилооти муосир дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, ҷорӣ намудани коеффитсиент (зариб) то як муддати муайян (5-сол) аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқотчиёне, ки аз муасисаҳои илмӣ ва олии вилояти Хатлон дар назди шӯроҳои диссертатсионӣ дифои рисолаи илмӣ менамоянд, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон ва дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия пешниҳод карда шуданд.

- самтҳои асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ таҳлил ва муайян карда шуда, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, маориф, нақлиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод карда шуданд.

- роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа тавассути таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ, фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, маркази инноватсионии ҷавонон ва такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон пешниҳод карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Андешаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, ки муҳтавои асосӣ ва дурусти навигариҳои илмии диссертатсияро ошкор намуда, дар диссертатсия моҳияти илмии онҳоро муттаҳид мекунад.

- асосҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси омӯзиш ва таҳлили

сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ таърифи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст;

- вазъи муосир ва тамоюлоти рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа таҳлил, рейтинги муассисаҳои олии вилоят арзёбӣ ва таъсиси чор муассисаҳои олӣ дар вилояти Хатлон тавсия карда шудаст;
- мушкилотҳои асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа бо назардошти таҳлили омилҳои монеъшаванда ошкор карда шудаанд;
- роҳҳои бартараф намудани мушкилотҳои ошкоршудаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда шудаанд;
- самтҳои асосии иқтидорӣ илмӣ-техникии инноватсионӣ аниқ ва пешниҳод карда шуд;
- роҳҳои такмили идоракунии иқтидорӣ илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон ва самаранокии истифодаи он пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Ба андешаи муаллиф роҳи инноватсионии рушд, ки ба дастовардҳои илму техника ва технологияҳои пешрафта такя мекунад, дар тамаддуни муосир рӯз то рӯз афзалият пайдо карда истодааст. Ҳамин аст, ки консепсияи иқтисоди инноватсионӣ аз тарафи аҳли тамоми сармоядорони кишварҳои пешрафта ва кишварҳои дар ҳоли тараққӣ, дастгирӣ пайдо кардааст(С.13). Диссертант ба такя бо назарияи олимони омӯхташуда қайд намудааст, ки таъиноти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар натиҷаи истифодаи фаъолнокии он рушди илм, такмили таҷҳизоти техникии истеҳсолот дар минтақа таъмин карда шуда, тавассути он баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати иҷтимоӣ, афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёт ва таҳкими бехатарии он, беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ ва амсоли инҳо таъмин карда мешаванд (С.15). Сохтори иқтидори илмӣ-техникии

инноватсионии минтақа, ки дар расми 1.1.1, бевосита аз тарафи муаллиф дар сатҳи баланди касбӣ ва бо фарогирии муҳтавои зербоби 1.1 тасвир ёфтааст (С.17).

Диссертант қайд намудааст, ки методҳо ва муносибатҳои мувофиқро барои арзёбии сатҳи иқтидори илмии техникии ҳар як шакли системаи инноватсионӣ таҳия карда, олотеро муайян кардан лозим аст, ки вай имкон диҳад, вазифаҳои гузошта шуда ба таври максималӣ самаранок ҳаллу фасл карда шаванд (С.30). Ба андешаи диссертант дар вазъи ноустувории пешрафти иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон, дар як вакт амалӣ кардани тамоми самтҳои пешрафти илмӣ-техникии иноватсионии давлатҳои пешрафта, ғайриимкон хоҳад буд. Аз ин рӯ, дастгирии интихобии давлатии сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, аз он лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки барои онҳо захираҳо мавҷуданд, зарур аст (С.53). Муаллиф муайян намудааст, ки вилояти Хатлон бо теъдоди аҳолиаш байни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар мадди аввал меистад, аммо бо доштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷойи сеюм. Ҳол он, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ вилояти Хатлон минтақаи зарардидатарин дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳам аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ, неруи инсонӣ маҳсуб меёфт. Бо назардошти ҳамин ҳолат диссертант тавсия намудааст, ки ҳоло таъсиси ҳадди ақал 4 муассисаи дигар дар вилоят заруратро пеш овардааст (С.64). Таҳлилҳои рисоланавис нишон додааст, ки давоми 5 соли охир муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон 63 патенту шаҳодатномаҳои навоварӣ ба даст овардаанд. Дар соли 2020 нишондиҳанда аз ҳама баландтарин буда, нисбат ба соли 2016 15 адад зиёд гардидааст (С.83). Диссертант дар рафти таҳқиқот мушкилотҳои иқтидори илмӣ техникии инноватсионии вилояти Хатлоро ошкор намуда дар расми 3.1.1. роҳҳои ҳалли онро пешниҳод кардааст (С.121). Диссертант соҳаҳои, кишоварзӣ, технологияҳои иттилоотӣ, хадамоти тиббӣ ва молиявӣ энергетика, саноат, сайёҳӣ ва наклиёт ва хизматрасонии наклиёти умумро ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтидори илмӣ-техникии минтақа тавсия намудаанд. Зеро ба андешаи муаллифи

рисола ин самтҳо барои рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ минтақа мусоидат менамояд (С.138)

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Нуқтаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявӣ-методологии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли амалии оид ба бартараф намудани мушкилотҳои ошкоршдуи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилоят истифода бурд. Дар самти интихоби масъалаи интихоби самтҳои афзалиятнокдоштаи рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд, ки онҳоро ҳамчун шарт ва заминаи такмили низоми идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан, метавонанд ба мақсади баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон, баъдан ба мақсади такмили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои зерин ба монанди: «Назарияи иқтисодӣ», «Менеҷменти иноватсионӣ», «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Соҳибкории инноватсионӣ» мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

1. Ятимов А.Ҷ. Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори илмию техникии иноватсиони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ №7 2018, с.112-114 ISSN 2413-5151.

2. Ятимов А.Ҷ. Хусусиятҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаи тадкиқоти илмию техникии инноватсионӣ. // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав №1-4(68) 2019, с.187-189 ISSN 2663-5534.

3. Ятимов А.Ҷ. Необходимость постоянного использования современных информационно –графических технологий в учебом процессе // Вестник ТНУ №8стр.278-283 за 2019 год.ISSN 2074-1847

4. Ятимов А.Ҷ. Хусусиятҳои фарқкунандаи иқтидориилмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар минтақа // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав № 1-4(68) 2019, с.256-259 ISSN 2663-5534

5. Ятимов А.Ҷ. Асосҳои назарявии иқтидори илмӣ-техникии иноватсионӣ дар минтақа // Паёми ДМТ бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ №10 саҳ 273-278 с. 2020.

6. Ятимов А.Ҷ. Таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи илму техника ва фаъолияти инноватсионӣ // Пайёми ДДБ ба номи Носири Хусрав № 1-4(80) 2020, ISSN 2663-5534.

7. Ятимов А.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. Таҳлили иқтидори илмию техникии инноватсияҳо дар вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 3(37) 2021, с. 87-96 ISSN-2308-054X

8. Ятимов А.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. Самтҳои афзалиятноки истифодаи иқтидори илмӣ-техникӣ ва таҳяи низоми идоракунии инноватсиони дар вилояти Хатлон // Паёми Молия ва иқтисод. №4 (28 ) 2021, с. 72-79 ISSN: 2663-0389

Дар дигар нашрияҳо:

9. Ятимов А.Ҷ. Потенсиали илмӣ – техникӣ ва рушди инноватсионии. ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масоили мубрами математика ва таълими он” бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов с 2020, саҳ 37.

10. Ятимов А.Дж. Инновационный потенциал Хатлонской области: формирование и стратегия развития // Российско – Таджиксий (славянский) университет. 2020 (Конференция). С.187.

11. Ятимов А.Ҷ. / Методҳои арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа / Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) с.420-431.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Дисертатсия мувофиқи талаботҳои тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст.

Он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавобгӯ аст, ки он аз кӯшиши муаллифи кори диссертатсиониро дар илм шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои илмии бадастомада, хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ тибқи банди 35 талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, дар 9 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар руйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошанд, ки аз инҳо иборатанд:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар унвонҷӯ дар фасли 1.1. нуқтаи назари олимони иқтисодчӣ, махсусан иқтисодшиносони ватаниро оиди

иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа ба таври васеъ омӯхта, баррасӣ менамуд.

2. Новобаста аз он, ки таҷрибаи гуногуни мамлакатҳои хориҷӣ омӯхта шуда, таҳлил гардидаанд, истифодашавии унсурҳои ҳар яки он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян нашудаанд.

3. Дар кори диссертатсионӣ бештар ба нишондиҳандаи хароҷоти таҳқиқотҳои илмӣ ва бунёдӣ диққат дода шуда, самаранокии онҳо нисбатан кам таҳлил шудаанд.

4. Дар рисола ҳаҷми содироту воридоти маҳсулдоти илмталаб ва техникаю технология ба минтақаи таҳқиқшаванда нишон дода нашудааст, то ин ки ба дараҷаитаъминииқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ аз рӯи онҳо низ баҳо дода шавад.

5. Дар кор баъзе иборaҳои истифода шуда ва ҷумлаҳо таҳрирталаб мебошанд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

Дар маҷмуъ, бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода мекунанд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд.

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои банди 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии номбаршуда Ятимов Амирхон Ҷурахонович дараҷаи илмӣ-номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дода шавад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Ҷонишини директор оид ба корҳои илм
ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Мирсаидов А.Б.

Суроға: ш. Душанбе 734024
кӯчаи С. Айнӣ 44
Почтаи эл.: info@ied.tj
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65
Факс: +992 (37) 221-67-50

Имзои Мирсаидов А.Б-ро
тасдиқ мекунам,
Сардори ШК Э. Қурбонов